**Барои ҳифзи Ватан, таҳкими Истиқлолият ва амнияти миллӣ тайёрем!**

# Родмардон

Ҳифзи истиқлолу озодии давлат ва расидан ба чунин ҷашнҳои бузург, пеш аз ҳама, натиҷаи хизмати содиқонаву ватандӯстонаи ҷузъу томҳои Артиши миллии кишвар мебошад.

Эмомалӣ Раҳмон

*№8(209)*
*28 августи соли 2023*

**Нашрияи тарбияи ҳарбию ватанпарастии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

## ХУҶАСТА БОД, ИСТИҚБОЛИ ИСТИҚЛОЛ!

Барои ҳар миллату қавми озодандешу озодихоҳ истиқлол падидаи бузургест, ки гузаштаву имрӯзаи онҳоро тақвият бахшида, ҷаҳони наверо ба рӯяшон боз мекунад. Барои мардуми куҳанбунёд ва шарафманди тоҷик низ Истиқлол яке аз ҷашнҳои сарнавиштсози таърихӣ, бунёди давлатдории навин ва худшиносии миллӣ ба шумор меравад. Халқи тоҷик дар масири таърих роҳҳои пурпечутоби зиёдеро тай карда, сада ба сада, сол то сол зиндагӣ, ҷаҳонбинӣ ва тафаккури худро дигар намуда, пирӯзиҳои дилхоҳ ба даст овардааст, аммо беҳтарин дастовард, беҳтарин пирӯзӣ Истиқлоли давлатӣ мебошад, ки таҳкурсии Тоҷикистони навинро тарҳрезӣ намудааст. Миллати бофарҳанги мо тӯли 32 сол мешавад, ки ин неъмати бебаҳоро чун гавҳараки чашм муҳофизат менамояд. – «Зеро Истиқлоли давлатӣ бузургтарин ва муқаддастарин неъмат, нишонаи олии ҳувияти миллӣ, ифтихор ва номуси ватандорӣ, рамзи ҳастии миллати бостонӣ ва соҳибихтиёру соҳибдавлати тоҷик ва асоси хушбахтиву сарбаландии сокинони Тоҷикистон мебошад».

Таърих гувоҳ аст, ки аксар давлатҳо истиқлоли комил ба даст овардаанд, вале онро муҳофизат карда натавониста, озодии хешро аз даст додаанд.

Мусаллам аст, ки ояндаи миллатамон дар дасти худи мост ва барои расидан ба лаҳзаҳои пурнишот ва масарратбахш, ки ҳадяи истиқлол аст, мардуми тоҷик монеа ва хатарҳои зиёдеро паси сар намудаанд. Бахусус солҳои аввали истиқлол пур аз даҳшату фоҷеа, азияту машаққат, таҳқиру маломат ва залолату кароҳат буд. Хатари аз байн рафтани давлати ҷавони тоҷикон ва пароканда гардидани миллати тоҷик фоҷиаи асосии он рӯзгор буд. Барои миллатро аз ин фоҷиаи нангин раҳонидан, иродаи қавӣ ва зарофати рафеъ лозим буд. Хомӯш кардани оташи ҷанг, қатъ кардани хунрезӣ, барқарорсозии сулҳу оромӣ ва амну осоиши мардум масъалаи асосӣ ба шумор мерафт. Мардуми сарзамини тоҷик аз он шукргузоранд, ки таҳти роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кишвари мо дар бунёди ҷомеаи навини дунявӣ ва демократӣ роҳи пуршараферо тай намуда, музаффариятҳои Истиқлоли давлатиро ҳифз карда тавонистанд. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки миллати тамаддунофари мо дар ободии Ватани хеш тамоми ҳастиро бахшида, ба қуллаҳои мурод расидаанд.

Истиқлол моро соҳиби тоҷу тахт, Парчам, Нишон, Суруди миллӣ ва Конститутсияи ҷадид намуд. Ба даст овардани истиқлоли давлатӣ барои миллати тоҷик нишони олии ватандорӣ, созандагию ободӣ, бахту нишот ва сулҳу субот буда, сарнавишти мардумро ба таври куллӣ тавонист дигар намояд.

Истиқлол барои тоҷикон бақои симои миллат, нишон аз пойдории давлат, рамзи асолату ҳувият, шиносномаи миллат ва шаъну эътибор дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мебошад.

Чуноне ки Сарвари давлат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид менамоянд: «Истиқлоли давлатӣ дастоварди бебаҳоест, ки сарнавишти халқамон ва ояндаи давлатдории миллии моро муайян намуд ва имконият фароҳам овард, ки мо забону фарҳанг, арзишҳои миллӣ ва анъанаҳои аҷдодиамонро эҳё намоем ва барои рушди минбаъдаи онҳо заминаҳои мустаҳкам гузорем».



Дар ҳақиқат истиқлол имконият фароҳам овард, ки тамоми соҳаҳои хоҷагии халқи кишвар ба дараҷаи баланд рушду нумӯ ёбад. Симои шаҳру деҳоти кишвар ба куллӣ дигар шуд. Бо дасти тавонои истиқлол сар то сари Тоҷикистон обод шуда, ба кишвари сайёҳӣ табдил ёфт.

Кишвари мо ҳоло дар марҳилаи созандагӣ ва бунёдкориҳо қарор дорад. Бунёди роҳҳои мошингарди Кӯлоб – Қалъаи хумб, Шоғун – Зигар, Душанбе – Чанок – Бӯстон, Душанбе – Ваҳдат – Данғара, роҳи оҳани Кӯлоб – Бохтар, нақбҳои Истиқлол, Чормағзак, «Шар – шар», неругоҳҳои барқии обии «Роғун», «Сангтӯда – 1», «Сангтӯда – 2», «Помир – 1» ва даҳҳо неругоҳҳои хурду бузург сохта ба истифода дода шуданд, ки барои пешрафти ҳамаҷонибаи кишвар мавриди баҳрабардорӣ қарор гирифтаанд.

Ба шарофати сиёсати оқилонаи Сарвари давлат дар солҳои соҳибистиқлолӣ Тоҷикистон ба кишвари намунаи дурахшони ҳифзи сулҳ, таҳкими ваҳдати миллӣ, баланд бардоштани ҳуқуқҳои инсон ва фароҳам овардани фазои солими амну осоиш мубаддал гардид.

Аминем, ки Истиқлоли давлатии тоҷик ҷовидона аст ва ҳеҷ неруе онро халалдор сохта наметавонад, зеро мардуми мо онро гиромӣ дошта, мисли гавҳараки чашм муҳофизат мекунанд.

Саодат Сатторӣ

# Дар ҳимояи истиқлолу озодии ватан

***Воқеан, имрӯз кулли мардуми шарафманди диёр сарбаланду сарафроз аз онанд, ки ҷашни бузургу таърихӣ- Истиқлолияти давлатии Тоҷикистони азиз ва 30-солагии Артиши миллиро дар фазои осоишта ҷашн мегиранд. Иштирок ва саҳм гузоштан дар тантанаҳои ҷашнӣ барои ҳар як шаҳрванди кишвар мояи ифтихору шарафмандӣ мебошад.***

***Бояд қайд намоем, ки дар арафаи ин ҷашнҳои бузург 3-юми сентябр - Рӯзи таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҷлил карда мешавад. Ҳайати шахсии Гвардияи миллӣ барои пуршукӯҳ ва бо дастовардҳои намоён ҷашн гирифтани ин санаҳои муҳими таърихӣ ҳамаҷониба омодагӣ доранд.***

***Ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ дар ҳимояи истиқлолу озодии ватан ва дастовардҳои таърихии онсулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, бунёди давлати демократӣ ва ҳуқуқбунёду дунявии Тоҷикистон, ҳифзи марзу буми сарзамини аҷдодӣ, таъмини амнияти давлат ва осоиши ҷомеа саҳми басо арзишманд доранд.***

***Эмомалӣ Раҳмон***



***Хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва дигар кормандони сохторҳои низомиву мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар барои таҷлили пуршукӯҳи ҷашни истиқлол омодагӣ мегиранд. Дар назар аст, ки ба муносибати ҷашни 32- солагии Истиқлоли давлатӣ паради ҳарбӣ бо иштироки Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ, Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон баргузор карда шавад. Бо чанде аз хизматчиёни ҳарбӣ перомуни таҷлили ин ҷашнҳои бузурги миллӣ ва рисолати артиш суҳбат намудем.***



Полковники гвардия
Муҳаммаднаим СОБИРИЁН,
муовини фармондеҳи
Гвардияи миллӣ
оид ба корҳои сиёсӣ-тарбиявӣ

Бо шукӯҳу шаҳомати хоса таҷлил намудани 32 – солагии Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, 30-юмин солгарди таъсисёбии Артиши миллӣ ва Рӯзи таъсисёбии Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон аҳамияти бузурги таърихиву сиёсӣ дорад. Имрӯзҳо, ки мо дар чорабиниҳои омодагӣ ба баргузории ин санаҳои бузурги миллӣ иштирок дорем, бо боварии комил гуфта метавонем, ки эҳсоси ифтихору ватандорӣ дар чеҳраи ҳар як хизматчии ҳарбӣ ҳувайдост.

Таъсиси артиш ва роҳи тайнамудаи он дар таърихи навини тоҷикон рӯйдоди муҳим буда, нақшу рисолати низомиёнро дар тамоми ин давра метавон арзишманд маънидод кард. Чуноне ки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон-Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо изҳори қаноатмандӣ пайваста таъкид медоранд, ки «Мо ба афсарону сарбозони далеру ҷасури Қувваҳои Мусаллаҳи давлати соҳибистиқлоли худ, ки фарзандони миллати соҳибмаърифату тамаддунсоз ва ободгару созандаи тоҷик мебошанд, ифтихор мекунем. Мо аз саҳми басо арзандаи ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳ, кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва собиқадорон дар ҳимояи истиқлолу озодии Ватан ва дастовардҳои бузургу таърихии халқамон-сулҳу оромӣ, суботи сиёсӣ, ваҳдати миллӣ, ҳифзи марзҳои муқаддаси давлатии тоҷикон, таъмини амнияти давлат ва халқи Тоҷикистон ҳамеша сипосгузорем…»

Аз фурсати муносиб истифода бурда, ҳама хизматчиёни ҳарбиро бо ҷашнҳои дар пешистода табрику муборакбод мегӯям. Мо ҳамеша кӯшиш мекунем, ки бо хизмати шоиставу софдилона ба боварии Пешвои миллат сазовор бошем ва ба халқу Ватан содиқона хизмат мекунем.

Дар тӯли 30 сол Артиши миллӣ роҳеро тай кардааст, ки воқеан таърихист. Агар саҳифаҳои ин таърихро варақ гардонем, бо корнома, қаҳрамонӣ, ҷасорату садоқат ва ҷоннисориҳои афсарону сарбозон ошно мегардем. Нахустин солҳои соҳибистиқлолии кишвар хизмат дар сафҳои Артиш аз ҳар ҷиҳат мушкилу сангин буд. Чуноне ки Пешвои миллат таъкид мекунанд "Сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ дар солҳои аввали истиқлолият- дар шароите, ки сару либос ва силоҳу лавозимоти дуруст надоштанд, дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ ҷонбозиҳои зиёде карданд ва ҳазорон нафари онҳо дар ин роҳ қурбон шуданд, ки хотираи неки мубориизони роҳи озодиро халқи сипосгузори тоҷик



Подполковники гвардия
Сафаралӣ ШЕРАЛИЗОДА,
сардори шуъба, раёсати корҳои
сиёсӣ-тарбиявии фармондеҳӣ

ҳеҷ вақт фаромӯш намекунад". Албатта, дар ин миён саҳми афсарону сарбозони Гвардияи миллӣ хеле назаррас мебошад. Хизмати шоиста, далериву шуҷоати хизматчиёни ҳарбиро ба инобат гирифта, 307 нафари онҳо аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мукофотҳои давлатӣ сарфароз гардонида шудаанд. Мо хотираи ин ҷавонмардонро ҳамеша пос медорем ва номи неки онҳоро ҳаргиз фаромӯш намекунем.



- Ҳанӯз 17 сол доштам, ки хизмати ҳарбиро интихоб кардам. То имрӯз, яъне 25 сол аз ин касби пуршараф нон мехӯрам, фарзандонамро низ дар рӯҳияи хизмат ба ватан тарбия мекунам. Ифтихормандиву сарбаландии волидонам ҳам аз хизмати ҳарбӣ, касби интихобнамудаи мо - бародарон мебошад.

Асоси устувории ҳар як давлати пуриқтидор аз истиқлолияти комили он вобастагӣ дорад, ҳамчунин рушду пешрафташ. Пойдории истиқлолу озодӣ, амният, ҳифзу мудофиаи онро артиш таъмин менамояд.

Истиқлолияти давлатии Тоҷикистон, барои мардуми шарафманди тоҷик дастоварди беназир мебошад ва он бо хиради азалӣ ва талошу ҷонисориҳои мардум ва Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таҳким ёфтааст. Яке аз нахустин дастоварди соҳибистиқлолӣ таъсиси Артиши миллӣ мебошад. Артиши миллӣ аз рӯзҳои аввали таъсис дар барқарор намудани сохти конститутсионӣ ва пойдории аркони давлатдорӣ саҳми арзанда дошта, имрӯз ҳамчун сутуни истиқлол ва сипари боэътимоди ватан рисолати худро анҷом медиҳад. Барои мо хизматчиёни ҳарбӣ боиси шарафмандӣ аст, ки дар сафи Гвардияи миллӣ ҳамчун фарзандони содиқу тавоно хизмат мекунем, аз Ватану миллати худ дифоъ мекунем ва дар қатори мардуми сарбаланди кишвар ҷашни 32- солагии Истиқлоли давлатиро таҷлил менамоем.



Подполковники гвардия
Диловар НОСИРЗОДА,
муовини командири
қисми ҳарбии 051055 оид
ба аслиҳа ва техникаи ҳарбӣ

# Горди миллӣ - чеҳраи ҳомиёни Ватан

*Барои идомаи бомароми раванди созандагӣ ва ҷиҳати боз ҳам пешрафта гардидани давлати соҳибихтиёри мо, хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқи кишвар, ки сипари боэътимоди давлат ва ҳомии қонунияту тартиботи ҷамъиятӣ мебошед, бояд беш аз ҳар вақти дигар ҳушёру зирак ва омодаи ҳифзи амният, оромӣ ва суботи ҷомеа бошанд.*

*Шумо афсарону сарбозон, ки то имрӯз дар бунёди ҷомеаи демократӣ, ҳуқуқбунёду дунявӣ, ҳифзи марзу буми Ватан, таъмини амнияти давлат, таҳкими суботу оромии ҷомеа ва волоияти қонун саҳми бузург гузоштаед, бояд минбаъд низ барои ҳимояи Ватан, истиқлолу озодӣ ва зиндагии осудаи мардум аз ҳама гуна таҳдиду хатарҳо омода бошед.*

*Эмомалӣ Раҳмон*



Подполковники гвардия
Алиҷон КАРИМЗОДА,
сардори шуъба, раёсати
аслиҳа ва техникаи
ҳарбии фармондеҳӣ

- Мардуми сарбаланди кишвар дар арафаи ҷашни бузурги миллӣ қарор доранд. Мо хизматчиёни ҳарбӣ низ шарики шодиву нишоти сокинони кишварем. Бо ифтихор иброз медорем, ки Қувваҳои Мусаллаҳ рисолати муқаддаси худро барои ҳифзи марзу бум, зиндагии осоиштаи мардуми Тоҷикистон бо устувориву фидокорӣ иҷро карда истодааст. Мо пеш аз ҳама ба дастуру ҳидоятҳои Пешвои муаззами миллат такя карда, дар пайравӣ ба иқдомҳои созандаву бунёдкоронаашон вазифаҳои бар дӯш доштаамонро сарбаландона иҷро мекунем. Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон генерали артиш муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон пайваста ба насли ҷавонамон муроҷиат карда, таъкид мекунанд, ки «Шумо бояд Ватанро дар баробари модари худ дӯст доред, қадр кунед ва ҳифз намоед». Албатта, ин суханон раҳнамои хизмат ва зиндагии ҳар яки мост.

-Мо як гурӯҳ хизматчиёни ҳарбӣ-занон, ки дар вилояти Суғд хизмати ҳарбиро пеш мебарем, аз иштирокамон дар машқҳои омодагӣ ба паради ҳарбӣ, ба муносибати ҷашнҳои бузурги миллӣ бениҳоят хурсандем ва ифтихор дорем.

Ман 26 сол мешавад, ки дар Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон хизмат мекунам. Тамоми зиндагӣ, бурду бохти ҳаётам ба хизмати ҳарбӣ пайваста аст. Лаҳзаҳои фаромӯшнашавандаву нотакрор бо ҳамхизматон, бонувони ватандӯсту меҳрубон, дӯстону наздикон хеле зиёданд. Вале дар арафаи ҷашни 30-солагии Артиши миллӣ таъкид карданиям, ки албатта, меҳнату заҳмати мо занон ҳамеша аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон қадрдонӣ мешавад. Ман бевосита аз ҷониби Пешвои миллат бо медали «Хизмати шоиста» сарфароз гардидам, ки ин на танҳо барои ман, ҳамчунин барои аҳли хонадонам боиси ифтихору сарбаландӣ буд.

Ҷашнҳои бузурги миллиро ба кулли хизматчиёни ҳарбӣ табрик гуфта, меҳоҳем фазои Тоҷикистон софу беғубор, мардумонаш хушрӯз ва сулҳу ваҳдати миллӣ ҳамеша пойдор бошад.



Майори гвардия
Муҳаббат ҚОБИЛЗОДА,
қисми ҳарбии 051056

- Ман соли дуюм аст, ки дар Гвардияи миллӣ фаъолият дорам. Хизмат дар ин сохтори бонуфузи низомӣ бароям боиси ифтихор аст ва бо қаноатмандӣ иброз медорам, ки аз бонувони қисми ҳарбӣ бисёр мушкилиҳои кору зиндагиро омӯхтам. Онҳо бисёр самимӣ, меҳрубону хоксоранд. Сарвари давлат пайваста таъкид мекунанд, ки хизмати ҳарбӣ мактаби омӯзиш аст. Ман ба ин ҳикмат қоил шудам. Бо боварӣ мегӯям, ки мисли дигар бонувони қисми ҳарбӣ таҷрибаву зиракӣ андӯхта, ба Президент, ба Ватан содиқона хизмат мекунам. Албатта, дар як саф бо ин хизматчиёни ҳарбӣ -модарони ҳалиму хоксор қадам задан ва ҷашни 32- солагии Истиқлоли давлатии Тоҷикистон ва 30-юмин солгарди Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистонро таҷлил кардан, бароям боиси ифтихор аст.



Прапоршики гвардия
Навбаҳор МАШАРИПОВА,
қисми ҳарбии 051056



*Сафар АМИРХОН*

## *Истиқлол*

*Ифтихори мо зи Истиқлоли мост,*
*Аз сафои бахту аз иқболи мост.*
*Соҳибистиқлолу соҳибдавлатем,*
*Мурғи дунёи фараҳ ҳамболи мост.*
*Шукри ободии даврон мекунем,*
*Шукри хоки Тоҷикистон мекунем.*
*Ҷонфидо чун Коваи оҳангарем,*
*Сарбадорон - дар дифои кишварем.*
*Парчами нанг аз ватандорӣ ба каф,*
*Шӯҳраташро аз фалак боло барем.*
*Ҳамчу фарзанди вафодори ватан,*
*Дар вафояш бигзарем аз ҷону тан.*
*Мулки худро боғу бӯстон мекунем,*
*Сабзу хуррам чун гулистон мекунем.*
*Бо сарафрозиву бо азму талош,*
*Зиндагии хубу шоён мекунем.*
*Шукри ободии даврон мекунем,*
*Шукри хоки Тоҷикистон мекунем.*

# Истиқлолият–сарчашмаи пирўзиҳо

Истиқлолиятро метавон яке аз бузургтарин дастоварди миллати тоҷик унвон кард. Зеро миллати тоҷик кўҳанбунёд буда, дар тули таърих давлатҳои хурду бузурги аз лиҳози сиёсат, илму фарҳанг хеле устуворро ташкил намудааст. Забони тоҷикиро ҳамчун рукни давлатдорӣ ташаккул дода, ба мо мерос гузошааст. Пас аз пош хўрдани давлати Сомониён, соли 999 тоҷикон дигар соҳиби давлате ба ин бузургиву шаҳомат набуданд.

Таърих гувоҳ аст, ки мардуми тоҷик тўли ҳазор сол зери шиканҷаву азияти истилогарон мондаву бархе аз олимону нависандагон, арбобони калом, табибони соҳибтаҷриба, наққошони машҳур ва китобҳои нодирро аз даст доданд. Касе умед надошт, ки миллати тоҷик соҳиби давлати демокративу ҳуқуқбунёд мегардад.

Дар дунё қавму миллатҳое ҳастанд, ки то имрўз аҳолии зиёд доранду аммо соҳиби давлат нестанд. Ба ин мисол шуда метавонанд, курдҳо ки дар рўи дунё 41 миллион нафарро ташкил медиҳанд, соҳиби давлат нестанд. 15-17 миллиони онҳо дар Туркия буда, беш за 4 миллионашон дар Ироқ ва боқӣ дар дигар кишварҳо сукунат доранд.

Боиси хушнудист, ки пас аз парокандашудани Иттиҳоди Шўравӣ ба миллати тоҷик муйяссар гардид, давлати мустақили худро ташкил диҳад. 9 сентябри соли 1991 Ҷумҳурии Тоҷикистон истиқлолияти давлатӣ ба даст овард, ки ин оғози марҳилаи навин дар таърихи миллати тоҷик гардид. Аммо оғози ин давраи нав басо душвориҳоро ба миён овард, тамоми дастгоҳи идоракунӣ, мақомоти маҳаллӣ фалаҷ гашта, давлати навбунёд артиш ҳам надошт. Авзои сиёсӣ низ рўз аз рўз хеле тезу тунд мегашт, сатҳи иқтисодии кишвар муташаниҷ буд, дар баробари ин ҷанги шаҳрвандӣ ба миён омад, ки хисороти он ба Тоҷикистон миллиардҳо сомонӣ зарар овард ва садҳо шахсони бегуноҳ ҷони худро аз даст доданд, тифлакон ятим монданд. Қавмпарастӣ, маҳалгароӣ авҷ гирифт. Мардум гуреза шуда,



ба хоки Афғонистон панаҳ бурданд. Новобаста ба ин бо кўшиши фарзонафарзанди миллат Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар зери як хайма таъсис дода шуд. Дар ин баробар рамзҳову муқаддасоти давлатдорӣ, аз ҷумла Суруди миллӣ, Парчами давлатӣ, Нишони давлатӣ, пули миллӣ – сомонӣ қабул гардид. Инчунин, гуфту шунидҳо низ бахри барқарор намудани сулҳу субот ва оромии давлат байни ҳукумат ва мухолифини тоҷик суръат гирифт. Ҳамин тавр, соли 1997 пас аз ба имзо расидани Созишномаи истиқрори сулҳ ва ризояти миллӣ дар Тоҷикистони тозаистиқлол амониву оромӣ ҳукмфармо гардид ва кишвар оҳиста - оҳиста рў ба беҳбудӣ овард. Рушди устувори иқтисодиву иҷтимоӣ, болоравии ҳисси ватандўстиву ватандорӣ, таҳкими худшиносиву худогоҳӣ дар миёни тамоми табақаҳои ҷомеаи Тоҷикистон таъмин гардида, дар амал ҷорӣ гардид. Ин ҳама маҳз бо шарофати хиради азалии мардуми соҳибмаърифату фарҳангдўсти тоҷик муйяссар гардид. Тоҷикистон дар ин давра рўз аз рўз рушд намуд ва узви созмонҳои байналхалқӣ, аз ҷумла узви Созмони Милали Муттаҳид, Созмони амният ва ҳамкорӣ дар Аврупо, Созмони ҳамкории Шанхай, Созмони Аҳдномаи амнияти дастаҷамъӣ, Созмони ҳамкории исломӣ ва дигар ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ гардид ва бо пешниҳоду ташаббусҳои бузурги худ дар ҳалли проблемаҳои умумибашарӣ саҳми арзанда гузошт.

Дар ин миён Тоҷикистон ба якчанд дастовардҳои бузург ноил гардид. Ба кор шурўъ намудани якчанд агрегатҳои Нерўгоҳи барқи обии «Роғун» ва бунёду барқарорсозии дигар неругоҳҳои барқии хурду бузург дар кишвар, ҳалли проблемаҳои комуникатсионӣ ва таъмини озуқаворӣ иқтидори иқтисодии Тоҷикистонро боло бардошт. Бахри беҳтар гаштани сатҳи дониш, такмили илму технологияи муосир муассисаҳои таълимии мутобиқ ба талаботи давру замон сохта ба истифода дода шуд. Иншооти варзишӣ, аз ҷумла дар кўчаву маҳалла ба истифода дода ни онҳо, рушди футбол, гуштини миллӣ ва дигар намудҳои варзиш ба тарзи ҳаёти солими шаҳрвандон мусоидат карда, Тоҷикистонро дар мусобиқаҳои сатҳи байналмилалӣ муаррифӣ намуд. Дар соҳаи фарҳанг низ тағироти куллӣ ба миён омад. Ҷашнҳои Наврўз, Мехргон, Тиргон ва Сада, ки миллати тоҷик онҳоро ҳазорсолаҳо ҳифз кардааст, аз нав эҳё гардид ва маҳбуби оламиён шуд.

Истиқлолият ба миллати тоҷик бахри эҳёи расму оинҳои ниёгон, қалъаҳову ёдгориҳои таърихӣ, зинда гардонидани бузургони миллат, бунёди корхонаҳои саноатӣ, ҳамкориҳои ногусастанӣ бо кишварҳои дунё, воридоту содироти маҳсулот ва дар умум устувориву рушди миллату давлатро таъмин намуд.

Ёқубҷон СУЛТОНАЛИЗОДА,
танзимгар-техники шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа

# *Дар ватандорӣ ба кор оят дили як бо забон*



Ватан чун Модар мафҳуми муқаддас ва бағоят дўстдоштанист. Нафаре, ки хонадон ва азизони худро дўст дорад, бешак Ватанро низ дўст ва муқаддасу гиромӣ медонад. Аз саҳифаҳои таърих огоҳ ҳастем, ки абармардони хирад, қаҳрамонону диловарони шуҷои Ватан чӣ гуна давлат, миллат ва сарзамини хешро дўст доштa, бахри бегазанду ҷовидон мондани он ҷонисорӣ кардаанд. Аз ин рў, таърих қаҳрамониву ҷонфидоии фарзандони асили хешро ҳеҷ гоҳ фаромўш намекунад ва номи ҳар якеро бо хатҳои заррин сабт намудааст.

Ҷонфидоӣ ва ватандўстии фарзандони баору номуси кишварро дар раванди барқарорсозии сулҳу ваҳдати миллӣ дар Тоҷикистони азиз, ҳифзи дастовардҳои истиқлолият беҳтарин намунаи ватандориву меҳанпарастӣ метавон унвон кард. Бо ифтихор ва қадршиносӣ ёдрас мешавем, ки дар он давраи ҳасос, дар қатори роҳбарияти олии кишвар сарбозону афсарони Артиши миллӣ дар пойдории сулҳу субот ва таъмини амнияти саҳми арзанда гузоштанд.

Имрўз хизмат кардан дар сафи родмардону ҷавонмардони далеру шуҷо воқеан давоми мантиқии кори мардони асили Ватан ва дўстдоштани он мебошад. Сафҳои Артиши миллиро ҷавонони ватандўсту худогоҳ пурра мегардонанд.

Нафаре, ки ба хизмати ҳарбӣ мепайвандад, муқаддас будани Ватан-Модар ва арзиши олӣ доштани онро медонад. Зеро аксарият дар оила тавре ба воя мерасанд, ки волидон онҳоро дар рўҳияи ватандўстиву ватандорӣ тарбия намуданд. Ҳангоми суҳбат бо сарбозон ва волидонашон шоҳиди он мегардем, ки зиёданд нафароне, ки барои хизмат дар сафҳои Артиш ҷаҳду талош менамоянд. Сарбозону сержантони далеру шуҷо дар қатори афсарону прапоршикон бахри ҳифзу ҳимояи Ватан содиқона хизмат мекунанд. Қисме аз онҳо баъди ба анҷом расидани хизмати муҳлатноки хатмӣ дар сафи Қувваҳои Мусаллаҳ хизматро ҳамчун касб интихоб намуда, идома медиҳанд. Дар ин радиф меҳоҳам, нуктаи муҳимеро вобаста ба интихоби касб ва шарафмандона хизмат кардан баён намоям. Бузургон беҳуда нагуфтаанд, ки дар ватандорӣ ба кор ояд дили як бо забон. Имрўз ҷавонон дар ҳама бахшҳои ҳаёти ҷомеа фаъолияти густурда доранд. Дар пешрафти иқтисодиёт, сиёсат, саноат, илму маориф, тандурустӣ, сайёҳиву соҳибкорӣ ва дигар самтҳои муҳими ҷомеа саҳми муносиб мегузоранд.

Нест соҳае, ки ҷавонон дар пешрафти он саҳм надошта бошанд. Боиси ифтихор аст, ки Пешвои миллат мухтарам Эмомалӣ Раҳмон маҳз ба ҷавонон такя мекунанд ва дар яке аз суханронияшон иброз намуданд, ки мо дар сиёсати худ ҷавононро неруи созандаву бунёдкор, пешбарандаи ҷомеаи навини кишварамон ва оянадаи халқамон эълон кардем ва дар ҳалли ҳамаи масъалаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат то имрўз ба онҳо такя мекунем. Дар маҷмўъ, ҷавонон дар рушду нумўи кишвар саҳми арзишманд доранд.

Хизмати ҳарбӣ мактаби мардонагӣ, майдони шарафу ифтихор нангу номуси миллӣ ва роҳи тай кардаи мардони ватандўсту ҷавипайкар мебошад. Аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ устувориву диловарӣ ва содиқбуданро ба ин касби пуршарафу пурифтихор талаб менамояд. Аз ин лиҳоз, дар интихоби касби ҳарбӣ ҷавононро зарур аст, ки бо иродаи қавӣ пешаи касб кунанд.

Дар ин вазъи ноорому пешгўинашавандаи ҷаҳон масъулияти ҳифзу ҳимояи кишвар бештар ба зимаи хизматчиёни ҳарбӣ ва махсусан ҷавонон вогузор мебошад. Аз ин рў ҷавонон-хизматчиёни ҳарбиро мебояд, ки бо дилу як маром, иродаву рўҳияи шикастнопазир дар касби интихобкардаи худ, ба савганди худ содиқ бошанд. То нафаси охирин ба Президент ва халқу Ватан содиқона хизмат намоянд.

Майори гвардия
Саидакбари АБДУЛЛО,
қисми ҳарбии 051054

Муассис:
Гвардияи миллии
Ҷумҳурии Тоҷикистон

сомонаи расмӣ: www.gmjt.tj
E-mail: gmjt.info.tj@mail.ru

Оғози нашр:
25 январи соли 2006

**Ҳайати таҳрир:**
Сардори шуъбаи иттилоот ва робита бо ҷомеа полковники гвардия Хайринисо Комилзода, Неъматуллои Холиқ, Саидшо Амирзода, Саодат Сатторова - хабарнигорон.

**Мушовирон:**
Фармондеҳи Гвардияи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон генерал-лейтенанти гвардия Бобоҷон Ҷамолзода, раиси Кумитаи кор бо ҷавонон ва варзиши назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, раиси Иттифоқи ҷавонони Тоҷикистон Раҳмонзода Абдулло Қурбоналӣ, муовини раиси Ҳаракати ҷамъиятии ваҳдати миллӣ ва эҳёи Тоҷикистон Рудобаи Мукаррам.

Идораи моҳнома ба андешаҳои муаллифони маводҳо на ҳама вакт ҷонибдор аст. Масъулияти саҳеҳии санаду иқтибосҳо ба зиммаи муаллифон аст. Маводҳо аз АМИТ «Ховар» истифода шуданд.

Рўзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 706 аз 20 январи соли 2006 ба қайд гирифта шудааст.

**Дизайн: А. Насриддинов**

**Суратгир: М. Шоев**

Адади нашр: 500 нусха